# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17.01.2025, №53**

Барои сазовор донистани Баротов Амирхон Холмирзоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 12 ноябри соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №67 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Унвонҷӯ Баротов Амирхон Холмирзоевич, соли таваллудаш 26.01.1985, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ба ҳайси эдвайзер оид ба таълим дар таҳсилоти фосилавии факултети молия ва қарз ва ҳамзамон ассистенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Соли 2009 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро (ҳозира Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ хатм намудааст.

Аз соли 2014 фаъолияти меҳнатии худро оғоз карда, дар вазифаҳои гуногун фаъолият кардааст. Солҳои 2014-2015 ҳамчун эдвайзери факултети молия ва қарзи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият намудааст. Солҳои 2015-2020 эдвайзер дар самти тарбияи факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор кардааст. Солҳои 2020-2024 ба ҳайси эдвайзери самти таълими таҳсилоти фосилавии факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кору фаъолият намудааст. Номбурда аз январи соли 2024 то инҷониб ҳамчун эдвайзери самти таълими шуъбаи фосилавии факултети

молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Ҷурахонзода Баҳодур Ҷурахон** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, професор, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Яқубзода Маъруф Садруддин** – доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси молия, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат дорад.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия, муаллими калони кафедраи андоз ва суғурта Ҳамидова С.Ҳ. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи андоз ва суғурта баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №05, аз 25.12.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон д.и.т., дотсент Назарзода Х.Х. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқарар шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Баротов Амирхон Холмирзоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 13 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Баротов, А.Х. Масъалаҳои назариявии сиёсати андоз ва амалигардонии он [Матн] / А.Х. Баротов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2019. - №2. - С.81-85. ISSN: 2413-5151

[2-М]. Баротов, А.Х. Роль межбюджетных отношений в социально-экономическом развитии регионов Республики Таджикистан [Текст] / Б.Дж.

Джурахонзода, А.Х. Баротов // Финансово-экономический вестник. – Душанбе. - 2019. - №3. - С.157-165. ISSN: 2663-0389

[3-М]. Баротов, А.Х. Арзёбии иқтидори андозҳо ва нақши он дар таъмини иҷроиши буҷет [Матн] / А.Х. Баротов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2021. - №4/1(29). - С. 144 -150. ISSN: 2663-0389

[4-М]. Баротов, А.Х. Равияҳои илмӣ-методии баҳодиҳии иқтидори андозии сатҳи минтақавӣ [Матн] / У.М. Воҳидов, А.Х. Баротов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2022. - №4/1(33). - С. 172-178. ISSN: 2663-0389

[5-М]. Баротов, А.Х. Таҳлили муқоисавии усулҳои муайян ва арзёбии иқтидори андозии минтақа [Матн] / Б.Ҷ. Ҷурахонзода, А.Х. Баротов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - №3. - С. 188-195. ISSN: 2310-3957

[6-М]. Баротов, А.Х. Омилҳои ташаккулёбии иқтидори андозӣ дар вилояти Хатлон [Матн] / А.Х. Баротов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. - 2023. - №4/3 (65). - С. 170-177. ISSN: 2664-0651

[7-М]. Баротов, А.Х. Тадбирҳои барномавии рушди минтақа ва имкониятҳои ташаккулёбии иқтидори андозӣ [Матн] / А.Х. Баротов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. - 2024. - №2 (52). - С. 65-72. ISSN: 2308-054X

**Дар дигар нашрияҳо:**

[8-М]. Баротов, А.Х. Амалигардонии сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳронӣ [Матн] / А.Х. Баротов // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти андоз дар мавзуи «Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба инкишофи иқтисодиёти миллӣ: воқеият ва дурнамо», (ш.Душанбе, 7 майи соли 2022). – Душанбе: ДДМИТ. – 2022. - С.33-39.

[9-М]. Баротов, А.Х. Нақши сиёсати андоз дар такмили андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда [Матн] / А.Х. Баротов, А.Н. Садуллоев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва нақши он дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар», бахшида ба 30 солагии иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Душанбе, 29 октябри соли 2022). – Душанбе: ДДМИТ. -2022. - С.374-378.

[10-М]. Баротов, А.Х. Таҳлили муқоисавии усулҳои арзёбии иқтидори андози минтақа [Матн] / А.Х. Баротов, Б.С. Файзуллоев // Маводи конференсияи илмӣ- амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба солҳои рушди саноат 2022-2026 (ш.Душанбе, 6-уми майи соли 2023). – Душанбе: ДДМИТ. - 2023. – С. 496-500

[11-М]. Баротов, А.Х. Асосҳои назариявии иқтидори андози минтақа [Матн] / А.Х. Баротов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ дар мавзуи «Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ»

бахшида ба «Солҳои рушди саноат 2022-2026» (ш.Душанбе, 23 декабри соли 2023). – Душанбе: ДДМИТ. - 2023. – С. 285-290

[12-М]. Баротов, А.Х. Баҳодиҳӣ ва муайян намудани иқтидори андози минтақа бо таҳлили муқоисавии якчанд усулҳо [Матн] / А.Х. Баротов // Маводи конференсияи илмӣ- амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ» бахшида ба «Солҳои рушди саноат (2022-2026)» (ш. Душанбе, 1 апрели соли 2024). – Душанбе: ДДМИТ. - 2024. – С. 518-523

[13-М]. Баротов, А.Х. Усулҳо ва муносибатҳои баҳодиҳии иқтидори андози минтақаҳо [Матн] / А.Х. Баротов // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (ш.Душанбе, 15-20 апрели соли 2024). – Душанбе: ДДМИТ. - 2024. – С. 281-285.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Султонов З.С. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кафедраи молия ва қарзи донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,** бо чунин эродҳо: 1) Бояд мавқеи муаллиф доир ба истифодаи таҷрибаи хориҷии иқтидори андозӣ ва таҷрибаи минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ доир ба ин масъала ба таври васеъ ва возеҳ шарҳу тавзеҳ дода мешуданд.

2) Назароти муаллиф ҷиҳати васеънамоии иқтидори андозии минтақаи таҳлилшаванда бояд амиқтар инъикос дода мешуданд.

**2. Ризозода Т.Р. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон чунин** эрод гирифтааст: 1) Сифати кор беҳтар мегардид агар муаллиф ба таври алоҳида имкониятҳои иқтидори андозии минтақаро вобаста ба сохтору сарчашмаҳое, ки иловатан ба ин иқтидор таъсир мерасонад, мавриди баррасӣ қарор дода мемонд.

2). Ба манфиати кор мебуд агар аз тарафи муаллиф нишондиҳандаҳои иқтидори андозии минтақа бо дигар минтақаҳо муқоиса гардида, дар натиҷа таҷрибаи ягон минтақаи муваффақ дар самти манбаҳои иқтидори андозӣ мукаммалан пешниҳод мегардид.

**3. Шафиев Б.З. - н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи молия ва қарзи донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**, бо чунин эродҳо:

1) Муаллиф, дар раванди таҳқиқоти худ, баҳри муайянсозии иқтидори андозии минтақаи Хатлон бояд тамоюилҳои тағйирёбии таркиби воридоти андоз ва омилҳои муайянкунандаи онро возеҳтар ифода менамуд.

2) Муаллиф, дар рафти таҳлили иқтидори андозии минтақа иброз доштааст, ки ташаккулёбии иқтидори андози минтақа аз ба назаргирии

фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидории минтақа вобастагии зиёд дорад, аммо ин далели худро ба таври амиқ шарҳу тавзеҳ надодааст.

**4. Холов Т.А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии донишгоҳи давлатии Бохтар**, бо чунин эродҳо: 1).Муаллиф дар боби якум (саҳ.11) ҷиҳатҳои сифатӣ ва миқдории иқтидори андозиро қисми таркибии муносибатҳои андозӣ арзёбӣ намудааст, аммо ин ду мафҳумро шарҳу тавзеҳ надодааст.

2). Муаллиф бар асоси омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешқадам пешниҳод намудааст, ки манбаҳои андоз аз рӯйи чорабиниҳои барномавӣ се самт (самтҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иттилоотию иртиботӣ)-ро дар бар мегиранд, вале дар бораи тадбирҳои барномавии рушди минтақа андешаҳои худро ба тафсил шарҳу тафсир надодааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва татбиқи иқтидори андози минтақа, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки ҳангоми тақвияти омӯзиши имкониятҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва молиявӣ аз истифодаи иқтидорҳои табиию иқтисодӣ, захиравию истеҳсолӣ, меҳнатӣ, ва иқтидори муносибатҳои иқтисоди берунӣ, татбиқи тавсияҳои илмии масоили роҳҳои ташаккули иқтидори андозии минтақа ва ноил шудан ба устувории молиявӣ мумкин аст.

- ***таърифи муаллифии*** иқтидори андозии минтақа пешниҳод гардидаст: а) «Иқтидори андозии минтақа маҷмуи пардохтҳои андозӣ буда, аз ҷиҳати функсионалӣ ва мавҷудияти омилҳои истеҳсолот вобаста мебошад»; б) **дар фарқият аз таърифҳои муҳаққиқони дигар** тақвияти усулҳои сафарбарнамоии иқтидори иқтидори андозӣ ва тақвияти бахшҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ аз ҷиҳати такрористеҳсол ҳамчун омили васеъ намудани иқтидори андозии минтақа баромад мекунад.

- ***методикаи*** такмилшудаи арзёбии иқтидори андозии минтақа аз рӯйи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла гаронии андоз, таҳия ва пешниҳод шудааст, ки барои муайян кардани иқтидори воқеии андозии минтақа мусоидат мекунад.

- ***омилҳо ва мушкилот ошкор шудаанд:*** объективӣ: -1) қонунгузории андозии амалкунанда; 2) дараҷаи рушди минтақа; 3) сохтори соҳавии иқтисодиёт; 4) сатҳ ва динамикаи амалкунандаи нархҳо; 5) ҳаҷм ва таркиби содироту воридот; субъективӣ: - 1) вазъи сиёсати давлатии андоз; 2) миқдори пешниҳодшудаи имтиёзҳо дар маҳалҳо; 3) қарзҳои андозӣ ва батаъхиргузории андозӣ.

**-Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва хусусиятҳои ифшогаштаи рушду амалкарди иқтидори андозӣ дар шароити муносибатҳои нави хоҷагидорӣ, равияҳои илмӣ-методии таҳлил ва идоракунии иқтидори андозии минтақа сурат гирифтааст.

- ***исбот шудааст,*** ки дар байни равишҳои назариявии иқтидори андозӣ аз нигоҳи фискалӣ, байнибуҷетӣ ва захиравию натиҷавӣ, истифодаи равияи захиравию натиҷавӣ барои тақвияти иқтидори андозии минтақа муфид мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***ғояи*** густариши иқтидори андозии минтақа аз омилҳои истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, табиию иқлимӣ, иҷтимоию демографӣ, таърихӣ ва идоравӣ барои тақвияти сарчашмаҳои андоз, фазои инноватсионии иқтисодӣ пешниҳод ва ***исбот гардидааст***, ки механизми амалисозии имкониятҳои васеъ намудани иқтидори андозии минтақа ва низоми татбиқи тадбирҳои барномавии рушди минтақа оид ба ташаккулёбии иқтидори андозиро ба эътибор гирифтан лозим аст.

- ***самтҳои*** афзалиятноки ташаккули иқтидори андозии минтақа ва таҳияи модели регрессионии арзёбии иқтидори воқеии андози минтақаи Хатлон, ки барои қабули қарорҳои муфид дар самти тақвияти иқтидори андоз мусоидат менамоянд, ***муайян ва илман асоснок карда шудааст***.

- ***методологияи*** арзёбии тақвияти иқтидори андозии минтақа ва муайян намудани сифати он, вусъат пайдо кардани рушди иқтисоди минтақавӣ дар заминаи шаклҳои нави хоҷагидорӣ, истифодаи усулҳои ҳисобкунии иқтидори андозии минтақа, муқоисаи онҳо, таҳияи модели эконометрикӣ ва тавсияҳо оид ба муайян кардани муносибатҳои андозбандӣ бо мақсади васеъ кардани иқтидори андозии минтақаи Хатлон мусоидат менамояд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

-***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Андоз ва андозбандӣ», «Молия», «Иқтисоди молиявӣ» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо» дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода шудаанд (санади татбиқи натиҷаҳо аз 26.08.2024 таҳти №24). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади татбиқи амалӣ аз 22.08.2024 таҳти №15842/1.3).

-***модели регресиионии*** арзёбии иқтидори воқеии андози минтақаи Хатлон таҳия карда шуд, ки мувофиқи он таъсири омилҳои МММ, савдои дохилӣ ва сармоягузорӣ иқтидори андози вилоятии Хатлонро муайян карда, дар асоси он барои дар оянда бо мақсади тақвияти иқтидори андоз қабули қарорҳои муфид қабул намудан хулосаву тавсияҳо пешниҳод карда шуд.

- ***стратегияи*** дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодии вилояти Хатлон (иқтидори воқеии андоз, МММ, савдои дохилӣ ва сармоягузорӣ) дар заминаи моделҳои эконометрикӣ истифода шуданд, ки ба арзёбии динамикаи мусбати рушди иқтисодиёт ва тақвияти ташаккули иқтидори андозии вилоят дар давраи дарозмуддат имкон медиҳанд.

- ***пешниҳод шудааст***, ки бо мақсади ташаккули иқтидори андози минтақа корҳои зерин роҳандозӣ карда шаванд: а) сафарбарсозии имкониятҳои имтиёзҳои андоз дар муҳимтарин самтҳои бахши воқеӣ бо мақсади ташаккули иқтидори андоз дар доираи занҷираи арзиши иловашуда; б) бо мақсади муфидгардонии таъсири омилҳои инсонӣ дар таъмини саривақтии андоз роҳандозӣ намудани раванди пурраи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ; в) дар доираи фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ роҳандозии раванди содагардонии қоидаҳои интихоб ва гузариши мустақилонаи низомҳои андоз.

- хулоса шудааст, ки бо мақсади муайян кардани иқтидори воқеии андоз, ноил гардидан ба сатҳи лозимаи хизматрасониҳо ва риоянамоии адолати иҷтимоӣ субъектҳои иқтисодӣ бояд ҳама навъҳои андозҳоро вобаста ба минтақаи ба қайдгирифта шуда, пардохт намоянд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи андоз ва иқтидори андозӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки иқтидори андозии минтақа аз рушди иқтидори иқтисодӣ вобаста буда, тақвият ва ташаккули он бевосита ба устувории молиявӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи ташаккули иқтидори андозии минтақа аз иқтидорҳои табиию иқтисодӣ, захиравию истеҳсолӣ, меҳнатӣ, иқтидори муносибатҳои иқтисоди берунӣ вобаста буда, дар ташаккули иқтидори буҷетию молиявӣ муайянкунанда баромад мекунанд. Яъне, дар байни равишҳои назариявии фискалӣ, байнибуҷетӣ ва захиравию натиҷавӣ, равиши захиравию натиҷавӣ барои муфид намудани ташаккули иқтидори андозии минтақа мусоидат менамояд.

- ***усулҳои*** муайянкунии иқтидори андозии минтақа аз рӯйи равияҳои гуногун мавҷуд буда, дар таҳқиқот усулҳои маҷмуӣ, воқеӣ, индексӣ, усули воқеӣ бо дарназардошти санҷишҳои андозӣ ва иқтисодиёти ниҳонӣ истифода шуда, муқоисаи фарқияти натиҷаи онҳо мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Вобаста ба ин, барои муайян кардани иқтидори воқеии андози минтақа, усули воқеӣ бо дарназардошти санҷишҳои андозӣ ва иқтисодиёти ниҳонӣ тавсия дода мешавад.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва авторефяерат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" мутаносибан сатҳи онро 83,53% ва 88,91% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар:** 1) муаллиф барои дарёфти роҳҳои ташаккули иқтидори андозии минтақа ва механизмҳои амалисозии имкониятҳои васеъ намудани он саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои ташаккули иқтидори андозии минтақа, ки аз хусусиятҳои иқтидори рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо бармеоянд, омилҳо ва механизмҳои асосии таъмини устувории молиявии минтақа муайян карда шудааст; 3) иҷрои нақшаи кории илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати: интихоб ва таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст; 4) дар омода намудани 13 мақола, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию

методии ташаккули иқтидори андозии минтақаи Хатлон саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 2.4, 2.5, 2.6, 2.7, 2.9 ва 2.27-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 17.01.2025 қарори сазовор донистани Баротов Амирхон Холмирзоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, (1 нафар ба тариқи маҷозӣ) аз ҷумла мутахассисон 4 нафар (1 нафар ба тариқи маҷозӣ) аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар (1 нафар ба тариқи маҷозӣ) аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 14 нафар (1 нафар ба тариқи маҷозӣ), «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**17 январи соли 2025.**